# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

## шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

ба диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки ба ҳалли муаммоҳои афзалиятноки ҷанбаҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ, механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва танзими давлатии сармоягузорӣ бахшида шудааст. Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ва мутобиқат менамояд.

2. Ақидаҳои илмӣ, коркардҳои назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисодиёт метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмӣ инъикос гардидаанд. Таҳқиқоти илмӣ ба масъалаҳои роҳҳои асосӣ ва механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва танзими он бахшида шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 "Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсияи пешниҳодшуда фарогири масъалаҳои мубрами роҳҳои асосӣ ва механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ буда, дорои мазмун ва мантиқи ягона мебошад.

3. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 фармоиши №14/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз

рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо ҳаҷми 3,4 ч.ч.) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар диссертатсияи Исматуллозода Б. А. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Исматуллозода Б. А. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардида, мавҷуд нест.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Исматуллозода Баҳром Абдуғафор дар мавзуи «Сармоягузорӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

– **Сафозода Абдулмаҷид Карим** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишкадаи байналмилалии Данғараи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Тағоев Ҷумахон Ҳамроевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти комплекси агросаноатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистсон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Р.К.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов А.Б.

номзади илмҳои иқтисодӣ Бобоев А.А.

«03» июли соли 2025